**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ).**

Дар шароити иқтисодиёти бозории муосир бозори алоқаҳои мобилӣ ва равандҳои рақамикунонӣ бо рақамҳои технологияи электронӣ ҳамаи бахшҳои иқтисодиёти миллӣ ва байналмилалиро фаро гирифтааст. Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикуноии иқтисодиёт дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мебошад. Соҳаи алоқаи мобилӣ ҳамчун унсури муҳими инфрасохтори рақамикунонии иқтисодиёт дар ташаккули муҳити рақамии муттаҳидсозандаи бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат ва фарҳанги ҷомеа накши калидӣ мебозад. Мухимияти кори дисссертатсионии Алимова Муборак Алимҷоновна дар он аст, ки ба таҳқиқи ҳамин масъалаҳои муҳим бахшида шудааст.

Дар автореферати диссертатсия қайд мешавад, ки суръати рушди миёнасолонаи соҳаи алоқаи мобилӣ назар ба дигар соҳаҳои хизматрасонӣ баландтар буда, таъсири он ба омилҳои афзоиши ҳосилнокии меҳнат, сарфаҷӯии захираҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва такмилдиҳии рақобатпазирии иқтисодиёт назаррас арзёбӣ мегардад. Хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ шаклҳои муосири иртибот, аз қабили паёмакнависии фаврӣ, иртибототи барномавии байни дастгоҳҳо (IoT), замимаҳои мобилӣ ва таъмини заминаҳои техникии шабакаҳои рақамиро дар бар гирифта, ҳамчун маҳсулоти хоссаи соҳаи рақамӣ арзёбӣ мегарданд.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқи кор бо дарназардошти саҳми муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ масоили марбут ба рақамикунонии иқтисодиёт ва таъсири он ба бозори хизматрасонӣ, хусусан бахши алоқаи мобилиро мавриди баҳодиҳии илмӣ қарор додааст. Бо такя ба таҳлили васеи адабиёти илмӣ ва маълумоти омории марбут ба бозори мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми муаллифии “бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ” бо назардошти хусусиятҳои инфрасохторӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар пешниҳод

шудааст. Ин мафҳум аз рӯйи сохтор ва мазмун аз мафҳумҳои анъанавии мавҷуда фарқ дошта, таҳкурсии наве барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ мегузорад.

Дар диссертатсия омилҳои асосии таъсиргузор ба бозори алоқаи мобилӣ муайян ва гурӯҳбандӣ шудаанд. Ҳамзамон, бо истифода аз усулҳои моделсозии иқтисодӣ-математикӣ механизми оптимизатсионӣ барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди бозор таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки бо маълумоти воқеии фаъолияти ширкатҳои мобилӣ асоснок шудааст.

Агар дар автореферати диссертатсия таъсири рақамикунонии хизматрасониҳои мобилӣ ба рушди соҳаи конкретии иқтисодиёт нишон дода мешуд, он гоҳ саҳеҳияти автореферат оиди рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт боз ҳам баланд мешуд.

Вале ин камбудӣ қимати илмӣ ва амалии кори диссертатсиониро кам намекунад.

Диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна кори мустақилона ба анҷом расонида аст ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи идораи давлатӣ**
**ва иқтисоди миллии Академияи**
**идоракунии давлатии назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Бобоев О.Б.**

**Адрес: 734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33**
**Тел.: 005555552, E-mail: boboev52@mail.ru**

**Имзои Бобоев Олимҷон Бобоевичро тастиқ мекунам:**
**Сардори идораи кадрхо, коргузорӣ ва корҳои**
**махсуси АИД назди Президенти ҶТ** **Зоирхонзода Ф.З.**